# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Забон омили муҳимми ташаккули миллат, баёнгари сарнавишт, мояи ифтихору сарфарозии соҳибзабонон ва бозёфти бебаҳову пурҳиммати ҷамъиятист, ки аз насл ба насл мегузарад, муносибатҳои наслу қавмҳои гуногунро пайванду пайваст мекунад, ганҷинаи илму фарҳангро ҳифз намуда, насиби наслҳои оянда мегардонад.

Дар миёни масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ мавзуи ҷумлаҳои сода дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи забоншиносии тоҷик таваҷҷуҳи олимону донишмандони соҳаро ба худ ҷалб менамояд. Бо вуҷуди он ки таҳқиқу баррасии табиати ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ ҳанӯз аз нимаи аввали асри XX шуруъ гардида, дар атрофи он як қатор пажуҳишҳо ба миён омадаанд, баъзе масъалаҳои ҷумлаҳои сода ва ҷойи аъзоҳои онҳо, ки ба иштироки аъзоҳои ҷумла ҳамчун ҷузъи сохтории он алоқамандӣ доранд, ҳангоми таснифоти хелҳои ҷумла муҳим арзёбӣ мешаванд, таваҷҷуҳи махсус мехоҳанд. Ба назари диссертант, дар тамоми таҳқиқоте, ки дар атрофи ҷумлаҳои сода то имрӯз сурат гирифтааст, хусусиятҳои сохторию маъноии онҳо комилан фаро гирифта нашудаанд. Таҳқиқи мукаммале, ки маҳз ба масъалаи ҷумлаҳои сода дар забони адабии имрӯзаи тоҷик бахшида шуда бошад, то ҳол анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ тасмим гирифтааст, ки хусусиятҳои грамматикию сохтории ҷумлаҳои содаи забони тоҷикиро дар асоси маводи насри адабиёти муосир ба риштаи таҳқиқ кашад, зеро баррасии ин мавзуъ аз бисёр ҷиҳат, хусусан, барои шинохти дурусти қолабҳои наҳви забони меъёрии имрӯзаи тоҷикӣ дорои аҳаммияти хос мебошад.

Муҳтавои диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** комилан мувофиқат менамояд.

Ҷумлаи сода дар забоншиносии муосир ҳамчун воҳиди бисёрҷанбаи забон баррасӣ мегардад, ки дар ташаккули он сатҳҳои шаклӣ, мухобиротӣ (коммуникативӣ) ва маъноӣ ҷудо карда мешаванд. Маълум аст, ки муайян кардани сатҳҳои ҷумла як усули таҳқиқест, ки барои дарки амиқи моҳияти ҳар яки онҳо имкон медиҳад. Дар муоширати воқеии нутқ ин ҷанбаҳо дар ягонагӣ амал мекунанд. Муҳиммияти диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ маҳз аз ҳамин ҷанбаҳои муҳимми омӯзиши комили забони миллӣ сарчашма мегирад.

Ба сифати объекти таҳқиқ интихоб шудани осори бадеии нависандагони муосири тоҷик ба мақсад мувофиқ аст, зеро табиати ҷумлаи содаи тоҷикӣ маҳз дар асарҳои бадеӣ ошкор мегардад.

Муаллиф дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафҳо ва вазифаҳо, навоварии кори илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, нуқтаҳои асосии диссертатсия, дараҷаи муътамадӣ ва санҷиши натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил кардааст.

Диссертант сарчашмаҳои назариявии зиёди соҳаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, дар боби аввали диссертатсия доир ба хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои сода, аз ҷумла, масъалаҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик, меъёрҳои таснифи сохтории ҷумлаҳои сода, майдони наҳвӣ ва муносибати парадигмативӣ дар наҳвиёти ҷумлаи сода муфассал муҳокимаронӣ карда, тарҳи шартии сохтори ҷумлаи содаро таҳия менамояд, ки барои таҳлили маводди амалии дар асоси асарҳои адибони муосир гирдовардашуда заминаи мувофиқу мусоид фароҳам меорад.

Муаллифи диссертатсия дар боби дуюм вобаста ба хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати сохту таркиб ва мақсади гуфтор дар забони муосири тоҷикӣ маводи фаровонеро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои хуби илмӣ баровардааст. Дар фаслҳо ва зерфаслҳои боби мазкур ӯ ҷумлаи содаи яктаркибаю дутаркиба, ҳамчунин хелҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи мақсади гуфтор мавриди баррасӣ қарор дода, табиати иртиботии ин воҳидҳои наҳвиро бо мисолу далелҳои дақиқ ошкор карда тавонистааст.

Боби сеюмро диссертант ба таҳлили мавқеи аъзоҳои ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ бахшидааст. Намунаи матнҳое, ки диссертант аз асарҳои адибон барои исботи фикраш меорад, аз салиқаи хуби муҳаққиқии ӯ дарак медиҳанд.

Натиҷаҳои илмии аз рисола бадастомада дар омӯзишу таҳқиқи наҳви забони тоҷикӣ, ҳамчунин зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида вобаста ба масъалаҳои дастурӣ манфиатбахш хоҳанд буд. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур ва тавсияҳои он ҳангоми баргузории курсу семинарҳои махсус роҷеъ ба «Наҳви забони тоҷикӣ», «Ҷумлаҳои сода ҳамчун воҳиди мухобиротӣ (коммуникативӣ)» истифода шуда метавонад. Нуктаҳои муҳимтарини он ба китобҳои дарсию васоити ёрирасони таълим аз фанни «Забони тоҷикӣ» ворид гардида, як паҳлуи норавшани таълими забони модариро мукаммал хоҳанд кард. Ҳамчунин, дар таҳия намудани луғатномаҳо маводи ба дастовардаи муҳаққиқ ҳамчун заминаи боэътимод хизмат карда метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **3 монография, 36 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 28 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротн ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Дар натиҷаи баррасии мавзуъ аз ҷониби диссертант нуктаҳои муҳим муайян шудаанд, ки боиси дастгирист. Бояд қайд намуд, ки хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия иншо шудаанд, бо методологияи муносибати муназзам (системавӣ), консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя мекунад, ки бешак ҳамчун маводи зарурӣ ҷиҳати татбиқ дар истеҳсолот кумак мекунанд.

Қобили зикр аст, ки довталаб Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ аз уҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ба ҳамин тартиб диссертатсияи доктории **Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ** дар мавзуи **«Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)»** кори баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин, талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Гулназарзода Ж. Б.**
**«25» январи соли 2025**

**Имзоҳои Гулназарзода Жило Бӯриро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода** **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**
**«25» январи соли 2025**

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 372 32 50 00
Факс: +992 372 32 50 00
Сомона: www.ddzt.tj.
E-mail: ddzt@ddzt.tj